**Тақризи муқарризи расмӣ**

**ба диссертатсияи Ватанзода Шердил Ватан дар мавзуи «Хоҷагии қишлоқи вилояти Кӯлоби ҶШС Тоҷикистон дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ (1941-1945)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020300-Таърих (6D020301-Таърихи ватанӣ). - Душанбе, 2025. - 193 с.**

Диссертатсияи Ватанзода Шердил Ватан ба омӯзиши фаъолияти хоҷагии қишлоқи вилояти Кӯлоби Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ (1941-1945) бахшида шуда, он аз сарсухан се боб ва шаш зербоб иборат мебошад.

Муаллифи рисолаи илмӣ кӯшиш ба харҷ додааст, ки равандҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва ташкилии рушди хоҷагии қишлоқии вилоятро дар соҳаҳои гуногун, аз ҷумла нақши аҳолии ғайринизомии фаъол дар ақибгоҳро мавриди таҳлилу баррасӣ қарор диҳад.

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мазмун ва муҳтавои диссертатсияи Ватанзода Шердил Ватан дар мавзуи «Хоҷагии қишлоқи вилояти Кӯлоби ҶШС Тоҷикистон дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ (1941-1945)» аз ҷиҳати мазмун пурра ба шиносномаи ихтисоси 6D020300-Таърих (6D020301-Таърихи ватанӣ) мувофиқат мекунад.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ.** Муҳиммияти диссертатсияи Ватанзода Шердил Ватан дар он таҷассум меёбад, ки гарчанде паҳлӯҳои мавзуъ дар алоҳидагӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифта бошанд ҳам, аммо то ҳол таҳқиқоти илмии мустақил ва фарогир оид ба «Хоҷагии қишлоқи вилояти Кӯлоби ҶШС Тоҷикистон дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ (1941-1945)» анҷом наёфтааст. Бинобар ин омӯзиш ва таҳқиқи мавзуи мазкур дар илми таърихи ватанӣ ба маврид дониста мешавад.

Маҳз набудани таҳқиқоти ҳамаҷонибаи диссертатсионӣ дар ин самт аҳаммияти илмию амалии мавзуъро бештар намуда, зарурияти омӯзиши амиқи ин масъаларо ба миён мегузорад. Диссертант дар асоси таҳлили мукаммал нақши хоҷагии қишлоқи вилояти Кӯлоби ҶШС Тоҷикистонро дар таъмини ғалаба дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ (1941-1945)-ро шарҳ додааст.

Таҳқиқи мавзуи мазкур дар он ифода меёбад, ки дар рисола масъалаҳои зерин мавриди омӯзиши унвонҷӯ қарор гирифтааст:

1) Ҳаёт ва вазъияти хоҷагии деҳоти вилояти Кӯлоб дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ (1941-1945);

2) Бори нахуст омӯзиши мавзуи мазкур хоҷагии деҳоти вилояти Кӯлобро дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ дар шакли рисолаи илмӣ мавриди таҳқиқи унвонҷӯ қарор гирифтааст.

3) Аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурӣ ва роҳбарияти вилояти Кӯлоб оид ба пурқувват намудани пойгоҳи моддӣ-техникии хоҷагии деҳоти вилояти Кӯлоб аз ҷониби унвонҷӯ мавриди таҳқиқ қарор гирфтааст.

4) Таъмин намудани соҳаи хоҷагии деҳоти вилояти Кӯлоб дар солҳои ҷанг ба мутахассисони соҳаи мазкур ва қувваҳои истеҳсолкунанда;

5) Инкишофи соҳаи зироати хоҷагии қишлоқ аз амсоли пахта, пилла ва инкишофи соҳаи боғдорӣ дар ҳудуди вилояти Кӯлоб;

6) Таъмин намудани ҷабҳа бо маводи ғизоӣ, пӯшока, аз ҷониби меҳнаткашони вилояти Кӯлоб;

7) Меҳнати қаҳрамононаи аҳолии меҳнаткашони вилояти Кӯлоб дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ;

8) Ҳаёти маданӣ, маишии аҳолии вилояти Кулоб дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ.

Пешниҳод гардидани диссертатсияи Ватанзода Шердил Ватан таҳти унвони «Хоҷагии қишлоқи вилояти Кӯлоби ҶШС Тоҷикистон дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ (1941-1945)» аз нигоҳи илмӣ ба талаботи замон ҷавобгӯ буда, он ба ҳимоя пешниҳод мегардад.

**Дараҷаи навгониҳои рисолаи илмии унвонҷу** Ватанзода Шердил Ватан ба ҳимоя пешниҳод шудаанд. Навоварии асосии ин таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки бори аввал дар таҳқиқи мавзуи мазкур масъалаи ҳаёти хоҷагии деҳоти вилояти Кӯлоби ҶШС Тоҷикистон дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ бо истифода аз доираи васеи сарчашмаҳои таърихӣ, маводи бойгонӣ ва адабиёти илмии марбута ба мавзуи унвонҷӯ, ки мавриди таҳқиқи амиқи ӯ

гардидааст, дар мавзуъ ифода ёфтааст. Натиҷаҳои бадастомада бар пояи ҷанбаҳои зерин таҳлили илмӣ ёфтаанд:

1. Вазъи иҷтимоиву иқтисодии хоҷагии деҳоти вилояти Кӯлоб дар арафаи Ҷанги Бузурги Ватанӣ бори аввал ҳамчун заминаи илмӣ мавриди таҳқиқот қарор гирифтааст.

2. Чорабиниҳои ҳукуматӣ барои таҳкими заминаҳои беҳбудии техникии хоҷагии қишлоқи вилояти Кӯлоб дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ омӯхта шудааст;

3. Таъмин намудани соҳаи хоҷагии аграрии деҳоти вилояти Кӯлоб дар солҳои ҷанг ба мутахассисон;

4. Дар рисола роҳҳои инкишофи зироатҳои хоҷагии қишлоқ ба монанди пахта ва пилла, боғдорӣ дар давраи Ҷанги Бузурги Ватанӣ ба таври возеҳ инъикос ёфтааст;

5. Ҷоннисориҳои меҳнаткашони аҳолии деҳоти вилояти Кӯлоб дар таъмини эҳтиёҷоти ақибгоҳ ва фронт дар асоси далелҳои муътамад рӯшан гардидаанд;

6. Саҳми аҳолии деҳоти вилояти Кӯлоб дар истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ба таври мушаххас ва бо такя ба далелҳои бойгонии маҳаллӣ нишон дода шудааст;

7. Шароити зиндагии маданиву маишии кишоварзон ва тағйироти иҷтимоӣ дар ҷараёни ҷанг ба таври комплексӣ таҳқиқ гардидааст.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия ифодаёфта** бо истифодаи васеи назарияҳои олимону коршиносони ватанию хориҷӣ ва такя ба манбаъҳои муътамад асоснок мегардад. Дараҷаи баланди эътимоднокӣ аз асоснокии маълумот, мутобиқати ҳаҷми маводи таҳқиқ, фарогирии сарчашмаҳои гуногун, таҳлили муқоисавӣ ва татбиқи методҳои муосири таҳқиқотӣ бармеояд. Дар асоси таҳлили дақиқу саҳеҳ ва омӯзишу таҳлили илмии далелнок хулосаҳои мушаххас бароварда, дар бахши тавсияҳо, ки аз 7 банд иборат аст, имкони истифодаи натиҷаҳои таҳқиқотро дар раванди таълиму тадрис ва таҳқиқоти минбаъда пешниҳод шудаанд.

Унвонҷӯ бо истифода аз методҳои таҳлилӣ ва муқоисавии муосир вазъи хоҷагии қишлоқи вилояти Кӯлоби ҶШС Тоҷикистон дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ (солҳои 1941-1945)-ро мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор дода, ҷанбаҳои назарӣ ва амалии онро мавриди таҳқиқи худ қарор додааст.

**Аҳаммияти назарии** таҳқиқоти диссертатсионии Ватанзода Шердил Ватан дар таҳлили амиқ ва ҳамаҷонибаи мавзуи рисола таҷассум меёбад. Арзиши илмии рисолаи илмӣ дар он зоҳир мегардад, ки он бори аввал аз ҷониби муҳаққиқ мавриди омӯзишу пажуҳиш қарор гирифтааст.

Коркарди назариявӣ ва методологии таҳқиқот ба принсипҳои таҳлили таърихӣ асос ёфта, имконият медиҳад, ки хусусиятҳои хоси соҳаи кишоварзии вилояти Кӯлоб дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватаниро дуруст арзёбӣ намояд.

Натиҷаҳои бадастомада метавонанд минбаъд, дар ислоҳоти соҳаи кишоварзӣ, ба амал баровардани шаклҳои гуногуни хоҷагидорӣ дар шароити муосир, таҳқиқоти минбаъдаи илмӣ ва фаъолияти амалии ниҳодҳои марбута мавриди истифода қарор гиранд.

**Ҳаҷм ва сохтори рисола.** Диссертатсияи Ватанзода Шердил Ватан аз сарсухан, 3 боб, 8 зербоб, хулоса, рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад. Ҳаҷми умумии рисола 193 саҳифа аст.

**Дар муқаддимаи диссертатсия** унвонҷӯ мубрамияти мавзуъро асоснок намуда, сатҳи таҳқиқи он, объект ва мақсади таҳқиқ, инчунин вазифаҳои асосии тадқиқот дар якҷоягӣ бо асосҳои методологӣ ва назариявӣ, муқаррароти асосии ба ҳимоя пешниҳодшуда, саҳми шахсии довталаб ва сохтори рисола муайян карда шудаанд.

Боби якуми диссертатсия **«Хоҷагии қишлоқи вилояти Кӯлоб дар арафаи Ҷанги Бузурги Ватанӣ»** ном дошта, он аз ду зербоб бо номҳои «Рафт ва натиҷаи коллективонии хоҷагии деҳот дар вилоят» ва «Вазъи истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар арафаи ҷанг» иборат аст.

Дар зербоби якум унвонҷӯ «**Рафт ва натиҷаи коллективонии хоҷагии деҳоти вилояти Кӯлоб**»-ро мавриди таҳқиқоти худ қарор дода, натиҷаи

ҷамъбастии коллективонии хоҷагии қишлоқ, таъсиси заминаи моддию техникии кишоварзони вилояти Кӯлобро мавриди омӯзиш қарор додааст.

Зербоби дуюми боби якум **«Истеҳсоли маҳсулоти кишоварзони вилояти Кӯлоб дар арафаи ҷанг»** ном дорад, ки дар он натиҷаи муҳимтарини фаъолияти меҳнаткашони вилояти Кӯлоб, махсусан истеҳсолии ғалла, зироатҳои равғандиҳанда, зағир, сабзавот, маҳсулоти гуштӣ дар арафаи Ҷанги Бузурги Ватанӣ арзёбӣ гардидаанд.

Боби дуюми рисолаи мазкур **«Сафарбаркунии хоҷагии қишлоқи вилояти Кӯлоб дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ»** ном дошта, он низ аз се зербоби бо ҳам алоқаманд иборат аст.

Дар зербоби якуми боби дуюм **«Чорабиниҳо оид ба пурзӯр намудани пойгоҳи моддӣ–техникии хоҷагии қишлоқ»** масъалаҳои марбут ба тадбирҳои андешидашуда барои тақвияти заминаҳои моддиву техникии соҳаи кишоварзӣ дар шароити ҷангӣ мавриди таҳлил қарор гирифтаанд. Дар ин бахш нақши ҳукумат, мақомоти маҳаллӣ ва аҳолии вилоятро дар таъмини техникаи кишоварзӣ, маводи сохтмонӣ, сӯзишворӣ, қисмҳои эҳтиётӣ ва дигар захираҳои зарурӣ арзёбӣ мешавад.

Ҳамзамон, дар таҳқиқ таваҷҷуҳи махсус ба сафарбаркунии захираҳои дохилӣ, истифодаи босамари воситаҳои мавҷуда ва ташкил намудани пойгоҳҳои таъмиру хизматрасонӣ ба техникаи кишоварзӣ равона шудааст. Баррасии мушаххаси тағйирот дар самтҳои корҳои саҳроӣ, таъсиси устохонаҳо ва ҷалби мутахассисон низ дар ин зербоб ба таври муфассал таҳлил шудааст.

Дар зербоби дуюми боби дуюми рисола, ки **«Масъалаи таъмин намудани соҳаи аграрӣ бо мутахассисон ва дигар қувваҳои истеҳсолӣ»** ном дорад, ба омӯзиши ҷанбаҳои кадрии рушди хоҷагии қишлоқ дар шароити ҷангӣ бахшида шудааст. Дар ин зербоб, унвонҷӯ масъалаи норасоии мутахассисони соҳаи хоҷагии деҳот, аз ҷумла агрономҳо, зоотехникҳо, муҳандисони соҳаи техникаи кишоварзӣ ва коргарони ихтисоснок дар замони Ҷанги Бузурги Ватанӣ дар вилояти Кӯлоб мавриди таҳлил қарор

дода, қайд менамояд, ки бо оғози ҷанг шумораи зиёди мутахассисон ва кишоварзон ба сафи қувваҳои мусаллаҳ сафарбар шуданд, ки ин боиси коҳиши қобилияти мутахассисони хоҷагиҳои деҳоти вилоят гардид. Бо вуҷуди ин, мақомоти давлатӣ ва идораҳои кишоварзӣ барои ҷуброн кардани ин камбудӣ тадбирҳои фавриро рӯи кор оварданд. Аз ҷумла, ташкили курсҳои кӯтоҳмуддати омӯзишӣ, ҷалби занон ва ҷавонон ба корҳои соҳаи хоҷагии деҳот, истифодаи дубора аз мутахассисони собиқ ва афзоиши масъулияти роҳбарони хоҷагиҳо ҷорӣ гардид.

Дар зербоби сеюми рисолаи мазкур бо унвони **«Вазъи рушди соҳаҳои пахтакорӣ, пиллапарварӣ ва боғдорӣ дар шароити ҷанг»** ба таҳлили рушди соҳаҳои муҳимми аграрӣ, ки нақши калидӣ дар таъмини талаботи иқтисодии ҷумҳурӣ доштанд, равона шудааст.

Муаллиф дар ин ҳолат пахтакориро, ки яке аз соҳаҳои муҳимтарин ба ҳисоб мерафт, таҳлил намуда, равандҳои ҷамъоварии ҳосил, нигоҳдорӣ ва коркарди пахта, масъалаҳои рушди пиллапарварӣ ва боғдориро дар шароити ҷанг ба таври муфассал баррасӣ намудааст.

Боби сеюми диссертатсия **«Саҳми кишоварзони вилояти Кӯлоб дар таъмини ғалаба дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ»** ном дошта, он аз се зербоб иборат мебошад.

Дар зербоби якуми боби сеюм **«Муборизаи меҳнаткашони вилоят барои таъмин намудани эҳтиёҷоти ҷабҳа»** саҳми фаъол ва пурзӯри аҳолии вилояти Кӯлоб дар таъмини фронт, дастгирии мақомоти маҳаллӣ ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ барои таъмин намудани фронт бо маҳсулоти зарурӣ, аз ҷумла маҳсулоти кишоварзӣ, либосу пойафзол ва дигар лавозимоти муҳим инъикос гардидааст.

Дар зербоби дуюми боби сеюми диссертатсия, ки бо унвони **«Корнамоиҳои сокинони деҳоти вилояти Кӯлоб дар истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ»** номида шудааст, саҳми бевоситаи аҳолии вилояти Кӯлоб дар таъмини фронт ва ақибгоҳ бо маҳсулоти кишоварзӣ дар давраи Ҷанги Бузурги Ватанӣ мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Муаллиф дар такя ба

манбаъҳои таърихӣ ва далелҳои оморӣ фаъолияти меҳнатии сокинони вилоятро, ки дар шароити мушкили ҷангӣ ба истеҳсолот машғул буданд, ҳамаҷониба баррасӣ мекунад. Дар матн равандҳои зиёд кардани майдони кишт, беҳтар намудани ҳосилнокӣ, ташкили гурӯҳҳои махсуси меҳнатӣ, иштироки фаъоли занон, наврасон ва маъюбон дар истеҳсолот, инчунин истифодаи самараноки захираҳои маҳаллӣ ва татбиқи таҷрибаи ҷамъшудаи деҳқонон ҳамчун омили рушди устувори истеҳсол дар замони ҷанг нишон дода шудаанд.

Зербоби сеюми боби сеюм **«Ҳаёти маданӣ–маишии кишоварзони вилоят дар давраи Ҷанги Бузурги Ватанӣ»** ном дошта, ба таҳлили вазъи маданӣ-маишии кишоварзони вилояти Кӯлоб дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ бахшида шудааст. Дар ин зербоб зикр гардидааст, ки сарфи назар аз мушкилоти шадиди иқтисодиву иҷтимоии давраи ҷанг, рушди соҳаҳои маориф ва фарҳанг дар минтақа бо маром пеш мерафт. Фаъолияти муассисаҳои таълимӣ, аз ҷумла мактабҳои ибтидоӣ ва миёна, ятимхонаҳо, боғчаҳо ва интернатҳо таъмин гардида, сатҳи донишандӯзии хонандагон ба 93,1% расид. Ифтитоҳи донишкадаи омӯзгории Кӯлоб соли 1940 дар шароити ҷангӣ як падидаи назаррас арзёбӣ мегардад. Ҳамзамон, соҳаи фарҳанг низ бо воқеиятҳои замон мутобиқ гардида, тавассути китобхонаҳо, клубҳо, осорхонаҳо ва қасрҳои фарҳанг ба ташкили барномаҳои тарбиявӣ, намоишҳои сиёсиву ватандӯстона ва таблиғи арзишҳои озодӣ дар байни мардум ва ҷанговарон машғул буд. Ин фаъолияти муштараки маорифчиён ва фарҳангиён дар шароити вазнини ҷангӣ ба унсури муҳимми муқовимати маънавӣ ва таҳкими руҳияи ватанпарастӣ табдил ёфта, гувоҳи ҳисси баланди масъулият ва ҳамбастагии сиёсиву фарҳангии ҷомеаи деҳоти Кӯлоб мебошад.

**Дар хулосаи диссертатсия** натиҷаҳои асосии таҳқиқот ҷамъбаст гардида, хулосаҳои муҳимми илмӣ ва пешниҳодҳои амалии муаллиф оид ба вазъи хоҷагии қишлоқи вилояти Кӯлоби ҶШС Тоҷикистон дар давраи Ҷанги Бузурги Ватанӣ (солҳои 1941–1945) пешниҳод шудаанд. Муаллиф,

дар асоси таҳлили амиқи манбаъҳои таърихӣ ва далелҳои оморӣ, якчанд хулосаҳои илмӣ пешниҳод менамояд, ки равандҳои таъмини фронт бо маҳсулоти кишоварзӣ, сафарбарсозии меҳнаткашони деҳот, таҳкими пояҳои моддӣ-техникӣ ва ҳаёти маданӣ-маишии аҳолиро фаро мегиранд. Ин натиҷаҳо метавонанд барои таҳқиқоти минбаъда дар самти илми таърихи ватанӣ истифода шаванд.

**Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия** аз он иборат аст, ки натиҷаҳои таҳқикро метавонанд олимони соҳаи таърих, сиёсатшиносӣ, ҳуқуқ, кишоварзӣ ва мутахассисони соҳаи аграрӣ ҳангоми фаъолияти илмӣ-таҳқиқотӣ ва амалӣ мавриди истифодабарӣ қарор диҳанд. Маводи таҳқиқии диссертатсияро метавон, дар рафти навиштани монография ва асарҳои илмӣ оид ба таърихи ҶШС Тоҷикистон дар давраи Ҷанги Бузурги Ватанӣ, инчунин метавон дар рафти тартиб додани маводи таълимӣ истифода кард.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Довталаби дараҷаи илмӣ натиҷаҳои муҳим ва мазмуни асосии диссертатсияи худро дар 22 мақолаи илмӣ ба нашр расондааст. Аз шумораи умумӣ, 9 мақола дар нашрияҳои такризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд. Маводи нашршуда паҳлуҳои муҳимми мавзуъро фаро гирифта, саҳми мустақили диссертантро дар таҳқиқоти илмӣ собит месозанд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия.** Диссертатсияи Ватанзода Шердил Ватан ба талабот оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсияи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ аст. Мавзуи диссертатсия бо истифода аз манбаъҳои илмии ҷойдошта ва таҳлилҳои амиқ таҳқиқ гардида, натиҷаҳои мукаммал ва дақиқ пешниҳод шудаанд.

Автореферат, ки аз диссертатсия бармеояд, ба талаботи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30

июни соли 2021, тахти №267 бо тағйиру иловаҳо аз 26-уми июни соли 2023, №295 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Дар баробари дастовардҳои илмӣ ва муҳокимаю натиҷагириҳои ҷолиби таваҷҷуҳ, кори диссертатсионии мавриди таҳқиқ аз баъзе нуқсонҳо ва камбудиҳо низ холӣ нест, ки бартарафсозии онҳо метавонад ба такмили минбаъдаи мавзуъ ва амиқтар гардидани таҳқиқот мусоидат намояд:

1. Дар қисмати муқаддима, дар дараҷаи омӯзиши мавзуи илмӣ номи бархе аз муҳаққиқони илми тоҷик зикр гардидааст, ки таълифоти эшон ба мавзуи мазкур номукаммал аст;

2. Дар зербоби боби 3-юми диссертатсия «Ҳаёти маданӣ–маишии кишоварзони вилоят дар давраи Ҷанги Бузурги Ватанӣ» ном дорад, ки дар он баъзе аз камбудиҳои ҷузъӣ аз ҷониби унвонҷӯ ҷой дода шудааст. Тавсия медиҳам, ки номи зербоби мазкур бо номи «Ҳаёти фарҳангӣ ва фароғатии кишоварзони вилояти Кӯлоб дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ» иваз карда шавад;

3. Хуб мешуд вазъи соҳаи маорифи вилоят дар солҳои ҷанг дар як зербоби алоҳида таҳқиқ мегардид;

4. Дар диссертатсия хатогиҳои имлоӣ, техникӣ ва мантиқӣ ба назар мерасанд.

Аммо эродҳои зикршуда хислати тавсиявӣ дошта, ислоҳпазир мебошанд ва ба мазмуну мундариҷаи илмию амалии кори диссертатсионӣ таъсири ҷиддӣ расонида наметавонанд. Тавре ки қайд гардид, камбудиҳои мавҷуда метавонанд бо ворид намудани якчанд ислоҳоти хурд дар таҳлили баъзе мавзуъҳо ё афзоиши гуногунрангии манбаъҳо ислоҳ шаванд.

Автореферат ва мақолаҳои илмие, ки диссертант доир ба мавзуи мавриди пажуҳиш ба нашр расонидааст, мазмуну муҳтавои асосии диссертатсияро пурра инъикос намуда, самтҳои муҳими таҳқиқро ба таври дақиқ ва фаҳмо дарбар мегиранд. Кори диссертатсионии мазкур аз лиҳози муҳтаво, методология ва доираи масъалагузорӣ комилан ба шиносномаи

ихтисоси илмии 6D020300 – Таърих (6D020301 – Таърихи ватанӣ) мутобиқат дошта, ҷавобгӯи талаботи мавҷуда мебошад.

Коркарди амалии натиҷаҳо ва нашри таълифоти илмии кори диссертатсионӣ ба меъёр ва талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ ва ҷавобгӯ мебошанд.

**Хулоса,** диссертатсияи Ватанзода Шердил Ватан дар мавзуи «Хоҷагии қишлоқи вилояти Кӯлоби ҶШС Тоҷикистон дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ (солҳои 1941-1945)» ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо 26.06.2023, таҳти №295) тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020300 – Таърих (6D020301 – Таърихи ватанӣ) сазовор мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
доктори илмҳои таърих,
дотсенти кафедраи таърихи халқи тоҷики
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Қараев Ф.Қ.

Имзои Қараев Ф. Қ.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Тавқиев Э.Ш.

**Суроғаи муассиса:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17
Тел: (+992 -37) 221-62-25; (+992 -37) 227 -15-10
E-mail: info@tnu.tj

«30» 06 соли 2025